## ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**Шурои диссертатсионии 6D.KOA-026-и назди МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” оид ба диссертатсияи Бобоева Иноятхон Асроровна дар мавзӯи “Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII зимни таълими осори классикон дар дарсҳои адабиёти тоҷик” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ).**

Комиссияи ташхиси назди Шурои диссертатсионии 6D.KOA – 026-и назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дар ҳайати раиси комиссия **Ш.А. Шаропов** – доктори илмҳои педагогӣ, профессор; аъзоён **М.А. Абдуллоева** – доктори илмҳои педагогӣ, профессор ва **Г.Б. Мухаметов** – доктори илмҳои педагогӣ, профессор оид ба қабул намудани диссертатсияи **Бобоева Иноятхон Асроровна** дар мавзӯи “Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII зимни таълими осори классикон дар дарсҳои адабиёти тоҷик” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) барои ҳимоя ва муайян кардани рӯзи ҳимоя.

Дар ҷомеаи муосир яке аз шартҳои пешрафти давлат, рушди инсонгароёна ва демократикунонии ҷомеа дар баробари босаводу бомаърифат тарбия намудани насли наврас ба ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии онҳо низ вобастагии қавӣ дорад. Аз ин рӯ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ вазифадор шудаанд, ки дар баробари тарбия намудани шаҳрванди фаъоли иҷтимоӣ, шахсеро тарбия намоянд, ки ба рӯйдодҳо мустақилона баҳо дода, фаъолияти худро мутобиқ ба манфиатҳои одамони атроф роҳандозӣ карда тавонад. Ҳалли ин масъала ба инкишофи хусусиятҳои устувори ахлоқии шахсияти талаба, ба вижа, ба ташаккул додани унсурҳои умдаи таҳаммулпазирӣ бо назардошти вазъи кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд аст.

Бояд гуфт, ки дигаргунихои ичтимоии дахсолаи охири карни XX ва огози садаи XXI инкишофи вазъияти номусоидро дар аксари сохахои муносибатхои ичтимой ба амал овард ва мафхуми тахаммулпазирӣ дар замони муосир ахамияти бештар касб намуд. Мохияти асосии он дар Эъломияи принсипхои тахаммулпазирӣ, ки бо имзои 185 намояндаи давлатхои аъзои ЮНЕСКО 16-уми ноябри соли 1995-ум кабул гардида буд, инъикос ёфтааст. Аз ин лихоз, ташаккул ва рушди тахаммулпазирӣ дар замони муосир чун яке аз роххои рафъи хар гуна парокандагӣ ба мавкеи аввалиндарача касб мекунад.

Рушди инсонгароёнаву демократикунонии чомеаи муосир дар раванди чахонишавӣ ба сохаи маориф, ки воситаи тавонои таълиму тарбия махсуб меёбад, иртиботи кавӣ дорад. Аз ин чихат, ташаккул ва рушди тахаммулпазирӣ дар системаи маориф яке аз воситахои мубрам ва объективии таълиму тарбияи насли наврас ва, умуман, чомеаи муосир дониста мешавад.

Такмил додани вазъи таълиму тарбия дар шароити чахонишавӣ ба татбики принсипхои хамидаи инсонӣ, ташаккули дарки хукуки инсон ва масъулияти шахрвандӣ, кобилияти муошират байнишахсӣ ва ба омода намудани насли наврас барои зиндагӣ кардан дар фазои чандинфархангӣ такя мекунад. Кобили таъкид аст, ки дар чодаи тарбияи насли наврас яке аз воситахои корсозу нишонрас истифода кардан аз осори бадеӣ, бахусус, асархои хикматомези классикони адабиёти форсу точик махсуб меёбад. Бо омӯзиши асархои бадеӣ дар вучуди наврасон метавон хамдигарфахмӣ ва эхтиром ба хама гуна халкиятхоро новобаста ба забону мазхабашон талкин кард.

Вазифахои асосии фаъолгардонии коркарди назариявӣ ва амалии тарбия ва рушди тахаммулпазирӣ дар хуччатхои расмии ЧТ, ки дар дахсолахои охир кабул гардидаанд, мукаррар карда шудаанд. Мухиммияти тарбия ва рушди тахаммулпазирӣ дар конунхо ва санадхои меъёрии Чумхурии Точикистон, аз чумла дар Конуни Чумхурии Точикистон «Дар бораи маориф», Конуни Чумхурии Точикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», Консепсияи миллии маълумот дар Чумхурии Точикистон, Консепсияи миллии тарбия дар Чумхурии Точикистон ва дигар санадхои конунгузорӣ, ки

мақсади онҳо рушди соҳаи маориф, баландбардории сифати таълиму тарбия мебошад, асоснок карда шудааст.

Дар ин замина метавон хулоса намуд, ки доираи масъалаҳои зикргардида, мубрамияти мавзӯи диссертатсияи Бобоева Иноятхон Асроровнаро собит месозанд.

1. Диссертатсияи мазкур мутобиқ ба талаботи банди 53 -и Низомномаи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, иҷро шудааст. Дисссертатсия дар ҷаласаи васеи муштараки кафедраҳои умумидонишгоҳии педагогика ва методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики МДТ "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия гардидааст. Дар "Хулосаи МДТ "ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" ба диссертатсия баҳои ҳамаҷонибаи объективӣ дода шуда, мусбат арзёбӣ гардидааст.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 32-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия кори илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта буда, пажӯҳиши ҳамаҷонибаи муайян намудани асосҳои назариявӣ ва педагогиву психологии ташаккули тарбияи таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII зимни таълими фанни адабиёти тоҷикро фаро мегирад.

3. Пешниҳоду хулосаҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, эътимоднок буда, онҳоро дар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, раванди таълиму тарбия, такмили стандарту барномаҳои таълимию тарбиявӣ ва санадҳои қонунгузории соҳаи маорифи кишвар доир ба мавзӯи таҳқиқшаванда метавон истифода намуд.

4. Мавзӯъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ), ки аз рӯи он ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-026-и назди Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров" мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, №81 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон,

таҳқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат дорад.

5. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва тавсияву пешниҳодҳои довталаб дар 11 номгӯй интишороти илмӣ ба табъ расидаанд, ки саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд. Мақолаҳои муаллиф, аниқтараш 3 адад мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд ва ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ комилан мувофиқ буда, моҳияти асосии таҳқиқотро инъикос мекунанд. Теъдоди маводи нашршуда ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

6. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Иноятхон Бобоева истифодаи мавод бе нишон додани маъхаз мавҷуд набуда, тамоми манбаъҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровардa шудаанд, ки аз риоя шудани банди 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, шаҳодат медиҳад.

7. Рисола ба талаботи банди 31-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) мувофиқат мекунад. Диссертатсияи мазкур аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои умумият ва ягонагии дохилӣ мебошад. Навгонии илмӣ ва муқаррароти барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсиониро собит месозанд.

8. Таҳқиқоти диссертатсионии Бобоева Иноятхон Асроровна дар мавзӯи “Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII зимни таълими осори классикон дар дарсҳои адабиёти тоҷик”, дар доираи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) анҷом дода шудааст. Автореферат дар мутобиқат бо мантиқи таҳқиқ таҳия гардида, муҳтавои асосии таҳқиқотро инъикос менамояд. Натиҷаҳои

илмие, ки унвонҷӯй ба даст овардааст, ба ихтисоси 13.00.01 педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мувофиқанд.

9. Комисссияи ташхисӣ талаботи банди 61-уми Низомномаи шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ба инобат гирифта, пешниҳод менамояд:

1). Дар заминаи таҳлили ҳамаҷонибаи рисолаи диссертатсионии Бобоева Иноятхон Асроровна ҳайати комиссияи ташхиси ба хулоса омад, ки номи мавзӯи рисола ҷузъан тағйир дода шавад, зеро мазмун ва муҳтавои рисола ба он далолат медиҳад, ки дар раванди пажуҳиши муаммоҳои мавзӯъ унвонҷӯ аз осори классикони дигари форсу тоҷик низ истифода кардааст. Аз ин рӯ, зарур аст, ки бо ҳамин қарори хулосаи комиссияи экспертии назди Шурои диссертатсионӣ номи рисолаи Бобоева Иноятхон ба тариқи зайл, яъне "Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII зимни таълими осори классикон дар дарсҳои адабиёти тоҷик" иваз карда шавад.

2). Диссертатсияи Бобоева Иноятхон Асроровна дар мавзӯи «Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII зимни таълими осори классикон дар дарсҳои адабиёти тоҷик » барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01- педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026-и назди МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" барои ҳимоя қабул карда шавад.

3). Ба ҳайси **муқарризони расмӣ** ба диссертатсияи мазкур шахсони зерин тавсия дода мешаванд:

1. **Неъматов Саъдулло Эргашевич** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

2. **Аминова Гулбаҳор Юсуповна** – номзади илмҳои педагогӣ, муаллимаи калони кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳанда - **Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав** тавсия карда мешавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимоя ва ҷойгир намудани автореферат ва диссертатсия дар сомонаи МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров" ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат ба ҳуқуқи дастнавис дар теъдоди 100 нусха иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**

**Ш.А. Шаропов** — доктори илмҳои педагогӣ, профессор, узви шурои диссертатсионӣ.
*Суроға: Ш.Хуҷанд, 735700, кучаи К. Хуҷандӣ, хонаи 146, ҳуҷраи 5;*
*Тел.: (992) 92-771-78-70;*
*email: sharofzod1954@mail.ru*

**Аъзоёни комиссия:**

**М.А. Абдуллоева** — доктори илмҳои педагогӣ, профессор, узви шурои диссертатсионӣ.
*Суроға: Ш.Хуҷанд, 735700, микроноҳияи 31, хонаи 31, ҳуҷраи 10;*
*Тел.: (992) 92-777-75-38;*
*email: mehriniso25@mail.ru.*

**Г.Б. Мухаметов** — доктори илмҳои педагогӣ, профессор, узви шурои диссертатсионӣ
*Суроға: ш. Душанбе, кучаи Мухаммадиев 6, ҳуҷраи 15;*
*Тел.: (992) 90-442-41-16;*
*email: gmuhametov @ yandex.ru*

**Имзои раис ва аъзоёни комиссияи экспертиро тасдиқ мекунам.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ** **Н.А. Ҳамробоев**
*Тел.: 93-766-36-00*
*email: knasim@mail.ru.*

«24» декабри», соли 2022